127369





Алӣ Бобоҷон

# Бачаҳои шеърҳо хуб



НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
Душанбе 1963

...сударственная
...библиотека Таджик. ССР
...2369
Тоҷик 2
Б 74
Б 72

*Маҷмӯаи шеърҳои «Бачаҳои хуб», ки ба бачагони синни миёнаи мактабӣ бахшида шудааст, дар кори таълиму тарбияи наслҳои навраси замони мо аҳамият дорад. Шоири ҷавон Алӣ Бобоҷон дар шеърҳои худ меҳру муҳаббати падару модар нисбат ба кӯдак, тарбияи коммунистии бачагон, дӯстӣ ва поквиҷдонии онҳо, манзараҳои дилнишини Тоҷикистон ва сулҳу амониро тараннум мекунад.*



## ҶАВОБИ ПАДАР

Ба назди ҳайкали Ленини аъзам
Ситода бар падар мегуфт Ҳамдам:
— Падарҷон, дасти Ленин аз чӣ болост?
Ба сӯи пеш аз чӣ доимо рост?
Падар аз ин табассум карда ширин,
Ба фарзандаш бигуфт аз рӯи таҳсин:
— Писарҷон, карда Ленин даст боло:
«Ба роҳи рост рав!» — гӯяд ба моҳо.

## ВАТАН



Ватан, эй гулшани доимбаҳорам,
Туӣ авҷу барорам, ифтихорам.
Ту моро модари ғамхор ҳастӣ,
Дар оғӯшат ҳамеша бахтьёрам.

Туӣ боғи ҳаёту бахти одам,
Умеду такьягоҳи сулҳи олам.
Туро монанди ҷонам дӯст дорам,
Ватан, ҷонам, азизам, меҳрубонам!

## МЕХОНАМ

Ҷавонам, дар дабистон зираку ҳушьёр мехонам,
Чу булбул ин замон дар гулшани бехор мехонам.

Чароғи хонаи қалбам мунаввар шуд зи нури фан,
Аз он фахрам, ки озодона дар гулзор мехонам.

Ба боғи илму дониш навниҳоли бахти ман гул кард,
Дар оғӯши Ватан шодона бо такрор мехонам.

Ватан додаст баҳри ман ҳаёти хубу зеборо,
Ба васфаш з-ин сабаб ҳам нав ба нав ашъор мехонам.



## МЕҲНАТ – ШАРАФ

(*Суруд*)

Дар кишвари маҳбуби мо
Меҳнат бувад кори шараф,
Ҳар кас, ки меҳнат мекунад,
Ганҷи муроқ орад ба каф.

З-ин рӯ бувад фатҳу зафар
Ҳамроҳи халқи ин диёр,
Дар меҳнати мо раҳнамо
Партияи пур-иқтидор.

Мо соҳиби бахти накӯ,
Иқболамон партавфишон.
Аз ин ҳаёти дилнишин
Ҳастем беҳад шодмон.

## ИДИ БАҲОР




Эй иди Май, иди саид,[1]
Хуш омадӣ бар ин диёр!
Бо ту аҷаб зебо бувад,
Фасли сафобахши баҳор.

Аз сабза ҳар кунҷу канор
Густурда фарши махмалин.
Гулҳои хушбӯи баҳор
Бишкуфта дар ин сарзамин.

Имрӯз мактаббаччаҳо
Дар кӯчаҳо хонда суруд,
Сӯи намоиш меравaнд
Бо хуррамии беҳудуд.

Бар дасташон байрақчаҳо,
Сурной ҳам, шайпур ҳам,
Аз назди минбар бигзаранд,
Бар пеш бинҳода қадам.

Эй иди Май, иди саид,
Хуш омадӣ бар ин диёр!
Бо ту аҷаб зебо бувад,
Фасли сафобахши баҳор.

---

[1] Саид — некбахт, хушбахт.



## ЭЙ КАБӮТАР!

(*Суруд*)

Туро ман мепарастам, эй кабӯтар,
Нигаҳбони ту ҳастам, эй кабӯтар!
Пару боли сафедатро бибӯсам,
Биё, биншин ба дастам, эй кабӯтар!

Туӣ рамзи баҳори зиндагонӣ,
Туӣ пайки зафарҳои амонӣ.
Дар ин субҳи сафои иди фирӯз
Ту ҷавлонгар ба авҷи осмонӣ.

Ба монанди насими шӯху форам,
Бирав озод дар ҳар кунҷи олам.
Туро, ҳамчун навиди шодии нав,
Бигирад пешвоз авлоди одам.

Туро ман мепарастам, эй кабӯтар,
Нигаҳбони ту ҳастам, эй кабӯтар.
Пару боли сафедатро бибӯсам,
Биё, биншин ба дастам, эй кабӯтар!

## МЕҲР

Даруни синаи ин кӯҳсорон
Агарчи санги хороро бувад кон,
Валекин як ҷаҳон меҳру муҳаббат
Гирифта ҷой дар мағзи дили он.

Ба мисли он, ки некӯбахт модар
Кашад фарзанди худро сахт дар бар,
Бубин, ин кӯҳҳо ҳам дар бари худ
Кашида деҳаи моро саросар.

Ҳамон вакте ки меояд зимистон,
Тамоми рӯзу шаб ин кӯҳсорон
Шукӯҳи деҳи моро посбонӣ —
Намоянд аз ҳуҷуми сахти бӯрон.







## ГУЛИ ЛОЛА

Дар ҳама дашту даман,
Дар бари кӯҳи Ватан
Лола фаровон шукуфт,
Ҳай гули алвон шукуфт!
Ин гули тар ҳар саҳар
Ҷилвагар аст ин қадар!
Дар дами боди сабо
Рақс кунад доимо.
Ҳаст ба пеши назар
Мисли алав пуршарар.
Эй гули фасли баҳор,
Ҳадьяи хоки диёр,
Ту дили моро барӣ,
Завқу сурур оварӣ.
Чида туро мебарем,
Мо зи фараҳ мепарем!

## АБРИ БАҲОР

Нисфирӯзӣ дар фазои беғубор
Абрҳо пайдо шуданд аз ҳар канор.
Зад башиддат гулдуросе раъду барқ,
Ногаҳонӣ рехт борони баҳор.

Бар замини водии зархезамон —
Бар чаманзорону боғу бӯстон,
Бар тамоми ҷангалу кӯҳу дара
Абр мерезад гуҳар аз осмон.

Вай табиатро тароватнок кард,
Шохаҳоюю баргҳоро пок кард.
Гавҳари худро ба ҳар ҷо рехт, рехт,
Сабзаҳо ҳам сар бурун аз хок кард.

Шод чӯпонбаччае дар кӯҳсор
Месарояд аз фараҳ беихтиёр:
«Бар сари кӯҳу биёбонҳои мо
Боз ҳам дурдона пош, абри баҳор!»



## ПАС АЗ БОРОН

Даме ки аз фазои кӯҳсорон
Парешон гашт абри навбаҳорон,
Падид омад рухи хуршеди ховар,
Зи нураш рӯи олам гашт рахшон.

Дамида обҳои ҷӯйборон
Ҳаметозанд сӯи киштзорон,
Ба рагҳои замини мо давад хун,
Ба ҷисми мурдаи ёбон дамад ҷон.

Ба рӯи майсаҳои тозаю тар,
Ба рӯи барги гулҳои муаттар
Дурахшон қатраҳои абри найсон,
Ба сони донаҳои дурру гавҳар.

Дар оғӯши фарохи кӯҳсорон,
Ба дашту пуштаҳои Тоҷикистон
Фурӯзон лолаҳо монанди гулхан
Дами боди фараҳбахши баҳорон.

Аҷаб ин дам табиат хубу зебост,
Гиёҳу сабзаҳо яксар мусаффост.
Ба гӯш ояд навои андалебон,
Ҳавои кӯҳсорон рӯҳ-афзост.



## БАҲОРИ КӮҲСОР

Бувад зебо баҳори кӯҳсорон,
Баҳори кӯҳсори Тоҷикистон!
Аҷаб файзу сафои тоза дорад,
Шукӯҳу ҳусни беандоза дорад.
Ба ҷӯш овард қалбамро
намудаш:
Намуди арчаҳои кап-кабудаш,
Шукуфтанҳои гулҳои базебаш,
Насими рӯҳбахшу
дилфиребаш,
Ҷилои лолаю себаргазораш,
Сафои обҳои чашмасораш,
Навои булбулони беқарораш,
Садои рӯдҳои мавҷдораш,
Дурахшонии барфи
қуллаҳояш,
Нигоҳи оҳувони бодпояш.
Аҷаб зебо баҳори кӯҳсорон,
Баҳори кӯҳсори Тоҷикистон!



## ХУШ ОМАДӢ, ТОБИСТОН!

Бар ин диёри пуршон —
Бар мулки Тоҷикистон
Бо файзи беандоза
Хуш омадӣ, тобистон!





Ҳаво тафсон аст имрӯз,
Ҳар сӯ рахшон аст имрӯз.
Офтобак аз ҳад афзун
Партавфишон аст имрӯз

Гаҳ мекунем оббозӣ,
Гаҳ ҳар сӯ тоз-тозӣ,
Гаҳ ба поход меравем
Бо шавқу сарфарозӣ.

Саҳрою боғу майдон,
Ҳар кунҷи Тоҷикистон
Ранги дигар гирифтаст
Аз қадами тобистон.

Ба боғистони колхоз
Боре ту назар андоз,
Дили касро мебарад
Нозу неъматҳои соз.

Як сӯ бубинӣ олу,
Сӯи дигар зардолу,
Пухта расидаст имрӯз
Гелосу олуболу.

Рафта ба боғбонон
Бо ғайрати дучандон
Дар кори мевачинӣ
Ёрӣ диҳем, рафиқон!

Бар ин диёри пуршон —
Бар мулки Тоҷикистон
Бо файзи беандоза
Хуш омадӣ, тобистон!

## МАҲТОБШАБ

Ваҳ, чӣ сон пур аз сафо маҳтобшаб!
Рӯҳбахшу дилкушо маҳтобшаб!
Ҳар тараф равшан бувад, монанди рӯз,
Пурҷило оинасо маҳтобшаб!

Теппаю пайроҳаи кӯҳу дара
Завқбахш асту аҷоибманзара.
Мерасад аз дур ҳар гоҳе ба гӯш
Нағмаи дилчаспи оби шаршара.

Ҳар канори деҳаи мо дилпазир,
Ҳам зи маҳ ҳам аз электр шуд мунир.
Баччаҳо ҳар ҷо ҳаёҳу мекунанд,—
Ҳеҷ аз бозӣ намегарданд сер.

Мевазад форам насими мушкбор,
Бӯи гул меоварад аз ҳар канор.
Аз ҳавои тоза мегирам нафас,
Синаам пур мешавад аз ифтихор.

Моҳ метобад зи авҷи осмон,
Меравад бар манзили худ шодмон.
Рашк бурда бар чароғи ленинӣ,
Мепаранд ин дам ба ҳар сӯ ахтарон.

Ин қадар имшаб табиат дилфиреб!
Ин қадар атроф марғубу базеб!
Мерасад пайваста овози суруд —
Бо навои дилрабои андалеб!

Деҳаи ман, дар чунин маҳтобшаб
Пеши чашми дил дурахшонӣ аҷаб!
Карда бар ҳар сӯи ту наззораҳо,
Ғарқ мегардам ба дарьёи тараб!



## ХАЙР, МАКТАБ!

Боз ҳам айёми тобистон расид,
Боз ҳам таътили тобистона шуд.
Мекунем имрӯзҳо мо хайру хуш
Боз ҳам бо мактаби маҳбуби худ:

— Хайр, мактаб!
Хайр то таҳсили нав!
Хуш бимон, эй хонаи уммеди мо!
Ҳар куҷо бошем, меҳри поки ту
Дар дили мо ҷой дорад доимо.

Рафта акнун дар бари лагерьҳо
Шоду хуррам истироҳат мекунем.
Дар лаби баҳру канори кӯҳҳо
Оббозию саёҳат мекунем.

Боз гирди гулхани партавфишон
Дар шаби маҳтоб бозӣ мекунем,
Дасти ҳамдигар гирифта шодмон,
Рақсҳои дилнавозе мекунем...

Дам гирифта нағзакак дар ҳар куҷо,
Дар канори хуррами лагерьҳо,
Боз меоем мо бо рӯҳи нав
Сӯи ту, донишгаҳи маҳбуби мо!



## САҲАРИ ТИРАМОҲ

Файзбахшандаю тарабафзо
Саҳари тирамоҳи зарринрӯ.
Бағали боғу домани саҳро
Пур зи бор асту дилкашу дилҷӯ.

Ана, як абрпорае бо қаҳр
Дар само тез рафтуо дорад,
Ҳамчу завракча аз миёнаи баҳр
Ҷониби соҳиле шино дорад.

Дар замини фарохсинаи мо
Сабзаҳо чеҳра шӯяд аз шабнам.
Аз дами боди сардакак ҳоло
Навниҳолони бӯстон хуррам.

Аз паси кӯҳҳои ғарқи хаёл
Рух намудор мекунад хуршед,
Нурҳояш кунанд истиқбол
Аввалин бор қуллаҳои сафед.



Аз ҳаво, ҳамчу селаи кафтар,
Мефароянд баргҳо ба замин.
Гӯиё ки замини мо бар сар
Бикашидаст бистари заррин.

Як назар кун ба ҷониби майдон,
Дар ҳама ҷой кор меҷӯшад.
Паи иҷрои ваъдаю паймон
Пахтакори далер мекӯшад.

Гоҳи аз кӯчаҳо гузар кардан
Шамси иқбол бар рухат рахшад.
Саҳари тирамоҳи кишвари ман
Як ҷаҳон шавқ бар дилат бахшад.

Тоҷикистон, ту ин қадар зебо!
Меваи боғҳот ширин аст.
Дар ҳама гӯшаҳои ту ҳоло
Ҳукмрон тирамоҳи заррин аст.



## ДУХТАРАКАМ, ОФАРИН!

Як пагоҳи зимистон
Ҳаво хеле хунук буд.
Меғуррид ҳуштаккашон
Шамоли барфолуд.

Пиразане дар ин дам
То ба хона об орад,
Сӯи водопровод
Бо тезӣ мешитобад.

Ларзида «ҳу-ҳу»-гӯён
Мерафт ӯ андар кӯча,
Якбора лағжида рафт
Дар наздикии ҷӯча.

Сӯи мактаб мерафтанд
Ин дам Қариму Носир,
Қоҳ-қоҳ зада хандиданд,
Дида аҳволи кампир.

Пионерка Маҳин ҳам
Ба сӯи мактабхона
Бо дугонаҳош ин дам
Шодона буд равона

Тозон бирафту даррав
Ба пиразан ёрӣ кард.
Сатилашро гирифта
Барои вай об овард.

Аз аҳволи пиразан
Маҳин гардида ғамгин,
Ба Қаримҷону Носир
Бо қаҳр гуфто чунин:

— Одобатон куҷо шуд,
Эй беҳаё баччагон?
Ба ҷои ёрӣ додан
Қоҳ-қоҳ зада хандетон!..

Пиразан хурсандона
Гуфто чунин бар Маҳин:
— Ба ҳама мақсадат рас,
Духтаракам, офарин!



## СУБҲИ ЛАГЕРЬ



Аз қуллаҳои кӯҳҳо
Рухсори хуршеди ҷаҳон
Чун лаълии нуру сафо
Аз дур мегардад аён.

Мебинӣ, ки дар ин нафас
Шохи дарахтони баланд
Дар пеши ду чашмони кас
Гӯё зи нав гул мекунанд.

Ваҳ ин чӣ хуш, ҳурҳуркунон,
Боди муаттар мевазад,
Аз накҳати дилҷӯи он
Завқе ба дилҳо мерасад.

Бисьёр мефорад ба гӯш
Овози шӯхи шаршара.
Чаҳ-чаҳ занад бо сад хурӯш
Булбул ба гулзори дара.

Дар оғӯши лагери мо
Субҳи дурахшон медамад.
Оре, табиат дар бараш
Пироҳани нав мекашад!



## ОРЗУҲОИ ШИРИН

*(Аз Наталья Забила)*

Дар осмони кап-кабуд
Рух менамояд офтоб.
Дар субҳи январь нури худ
Пошад ба хона беҳисоб.

Хезед акнун, баччаҳо,
Гардед бар мактаб равон!
Сармо ба рухсори шумо
Сурхӣ дамонад ин замон.

Дар субҳи январь баччаҳо
Рӯ-рӯи барфи нуқравор
Ҳастанд андар кӯчаҳо
Бар сӯи мактаб раҳсипор.



Бар синфашон дил бастаанд,
Қ-он равшан асту тозарӯ.



Бо вожатий сӯҳбат кунанд
Он ҷо зи ҳар як орзӯ.

Ҳар касб андар мулкамон
Беҳтар бувад аз дигаре!
Лётчик шавӣ, дар осмон
Аз абр боло мепарӣ.

Хуб аст коне ёфтан
Аз кӯҳҳои нуқрасар,
Ё ки каналҳо кофтан
Дар даштҳои бесамар.

Ангиштткан — касби аҷиб,—
Кори ту дар зери замин.
Ҳам боғбон гаштан — наҷиб,
Касби бинокорӣ барин.

Гар хизмати ҳарбӣ равӣ,
Гардӣ, чу аскарҳо, ҷасур.
Қасбе намудан интихоб
Бисьёр мебошад зарур.

Бикшода моро роҳҳо
Дар ҳар куҷо — наздику дур.
Аммо ба мо, эй бачаҳо,
Ҳоло бувад хондан зарур.



Бояд ба мактабхонаҳо
Аз тахти дил хонем мо,
То ки Ватан гардад ризо,
Хурсанд бошад доимо!

## «ИСТИРОҲАТ»-И ГУЛ

Чу меояд ба гӯш овози шайпур,
Саҳар аз хоби роҳат гашта бедор,
Тамоми баччагони лагери мо
Бар варзиш зуд мегарданд тайёр.

Вале паҳлӯ зада дар бистари худ,
Чу беморе бихобад ҳар саҳар Гул.
Ҳамеша ранги рӯяш зард, зеро
Намегардад ба физкультура машғул.

Бигуфтем: — Аз дигарҳо гир ибрат,
Бишав, чун мо, ба физкультура машғул!
Ту ҳам аз хоби худ барвақт бархез,
Машав монанди гул нозук ту, эй Гул!

Сар аз болишт боло карда гуфто:
— Ба ин хел тоз-тозӣ нест тобам!
Ба лагерь омадам бар истироҳат,
Маро монед, ки як лаҳза хобам!





## БАЧАҲОИ ХУБ

— Чаро ашкат равон аст?
Ба ту чӣ шуд, писарҷон? —
Модар пурсид аз Акрам
Бо хотири парешон.

Акрам чунин ҷавоб дод:
— Намедонӣ, очаҷон,
Оҳ, чӣ қадар гандаанд
Баччаҳои синфамон!

— Наход ки ҳамаашон
Ганда бошанд, Акрамҷон? —
Ҳайрон-ҳайрон бипурсид
Модар, табассумкунон.

— Ҳа, ҳамаашон — ганда!
— Ҳатто Музаффарҷон ҳам?
— Албатта, вай ҳам — ганда!
— Намеояд боварам?

— Ана, дирӯз ӯ чӣ гуфт:
«Аз партаам хез, Акрам!
Акнун дигар ман бо ту
Дар як ҷо намешинам.

Ба ту аз ягон хусус
Гапе намезанам ман:
Чунки даррав меранҷӣ
Аз ҳар гапу ҳар сухан».

— Қанӣ бигӯ, Акрамҷон:
Оё ганда аст Аҳмад?
Магар ки ӯ ҳам бо ту
Дигар гап намезанад?

— Вай ҳам бачаи ганда,
Насиҳатгари беор.
Мегӯяд ӯ насиҳат
Дар сари ҳар гапу кор:

«Раънои хурдакакро
Барои чӣ мезанӣ?
Ҳой, Акрами ҷангара,
Ақлу одобат канӣ?

Барои чӣ мекашӣ
Аз кокули Аниса?
Чаро хат менависӣ
Ба китоби Ҳадиса?»

Ӯ ба насиҳатгӯӣ
Агар ки сар мекунад,
Чун ҳуштаки паровоз
Гӯшатро кар мекунад.



— Санавбар чӣ, писарҷон,
Магар ки ӯ ҳам ганда?
— Дар пеши муаллимон
Кард ӯ маро шарманда!

Гуфто, ки: «дар танаффус
Чунон аз гӯшам кашид,
Гирья кардам, сар надод,
Қариб гӯшам медарид...»

Ман шӯхӣ карда будам,
Даррав аз ман ранҷидаст,
Ғайр аз шӯхӣ, ӯ аз ман
Магар гуноҳе дидаст?

— Шавкат чӣ, вай ҳам ганда?
— Аз ганда ҳам гандатар!
Дурӯғгӯю нобовар,
Хабаркашу иғвогар.

Дар вақти занг имрӯз
Медонӣ, вай чӣ кор кард?
Муаллимаро ба синф
Рафта гирифта овард.

Тирезаро нишон дод,
Гуфт: «Инро Акрам шикаст!»
Ана, дидӣ, очаҷон,
Чӣ қадар вай ганда аст!

Модар гуфто: — Писарҷон,
Ҳастам бағоят хурсанд,
Чунки бачаҳои хуб
Дар синфи ту бисьёранд.

## ҚОБИЛҶОНИ НОҚОБИЛ

Аз ҳама дарсаш доим
Қобил аъло мехонад,
Ба гуфтаи муаллим
Зеҳни худро мемонад.

Аммо як рафтораш бад:
Ҳамин ки зангро заданд,
Пояшро ба дари синф
Монда,
менамояд банд.

Рафиқони ҳамсинфаш —
Абдуғаффору Одил
Ба ӯ номи нав монданд:
«Қобилҷони ноқобил»



## «ДАРДИ САР»

Наимҷони хандонрӯ
Дар синфи се мехонад.
Аммо вай ҳар пагоҳӣ
Аз дарс ақиб мемонад.

Нисфишабӣ медуздад
Рӯмоли хоҳарашро
То ки фардо ба мактаб
Баста равад сарашро.

Хоҳари ӯ Мунира
Рӯмолашро мекобад,
Аз ягон ҷои хона
Валекин намеёбад.

Аз ин сабаб ҳар саҳар
Мунираҷон гаранг аст.
Монанди ӯ, модар ҳам
Доим ба ҳоли танг аст.

Гӯё ки бошад касал,
Баста сарашро, Наим
Меравад сӯи мактаб
Дар соати даҳу ним.

Пионерони отряд
Раҳимҷону Фирӯза
Ӯро танқид намуданд
Дар маҷлиси дирӯза.

— Як ҳафта шуд, ман касал,
Мекунад саракам дард,
Меравам духтурхона! —
Наим баҳона мекард.

Аз ҷояш хеста гуфто
Ҳамсояаш Раҳимҷон:
— Сарат намекунад дард,
Дурӯғ нагӯ, Наимҷон!

Нарафтаӣ дар умрат
Ба дари духтурхона,
Аммо ба ту ҳамеша
Духтурхона-баҳона.

Мебинам, ки ҳар саҳар
Аз модарат пинҳонӣ,
Ба ҷои дарсхонӣ
Велосипед мeронӣ...

Ҷӯраҳои Наимҷон
Якбора ханда карданд,
Дар мобайни рафиқон
Ӯро шарманда карданд.



## БУЗИ МАҒРУР

Буд дар лаби кӯл
Дарахте калон,
Як рӯз Мошон
Баромад ба он.

Як барра дар зер
Чарида мегашт,
Болои сабза
Давида мегашт.

Ногоҳ як буз
Омад ба ин ҷо,
Барраро дида
Бардошт ғавғо:

— Эй барра,
зудтар
Ба наздам биё,
Бар гӯши худ гир
Гапхои маро.

Ҳар ҷо, ки равам,
Бо роҳи ман рав.
Ҳар коре кунам,
Ҳамкори ман шав!

Гапро ба гӯшат
Агар нагирӣ,
Бо шохҳоям
Занам, ки мирӣ.

Бишнида инро,
Он барра бо шаст





Бар назди бузак
Аз ҷои худ ҷаст.

Бо қаҳр гуфто:
— Эй бузи шайтон,
Беҳуда бар ман
Медиҳӣ фармон.

Эй бефаросат,
Гапро бизан кам.
Ҳаргиз набошам
Назди ту сархам.

Буз аз сари нав
Бо шӯру ғавғо
Ин гуна таъриф
Бинмуд худро:

— Ҳаргиз бузе нест
Дар рӯи олам,
Бошад мисли ман
Пурзӯру бардам.

Ман худ ба майдон
Бебок ҳастам
Ҳушьёру зирак,
Чолок ҳастам.

Бисьёр ҳам тез
Дорам дуто шох,
Ҳатто оҳанро
Мекунад сӯрох.

Аз рӯ ба рӯям
Гар шерояд,

Чунон занам ман
Ҷонаш барояд...

Лекин ягон бор
Он бузи мағрур
Накард андеша
Аз наздику дур.



Бисьёр худро
Таъриф бинмуд.
Ногаҳ дар охир
Воқеае шуд:

Бар сатҳи он кӯл
Чун дӯхт чашмон,
Дар оби софаш
Дид акси Мошон:

Гӯё паланге
Истода бошад,
Бар хӯрдани ӯ
Омода бошад.

Онро бидида
Буз сахт тарсид,
Якбора ҷисмаш
Чун барг ларзид.

Афтода дар ваҳм,
Зад доду фарьёд.
Ҳуш аз сараш рафт,
Бар об афтод...



## ХИРС ВА ГУРГ

Дар миёни бешазор,
Дар даруни якта ғор
Хирси маллаи кaчпо
Дошт баҳри худ маъво.
Тобистону тирамоҳ,
Аз саҳарӣ то бегоҳ,
Хӯрок намуда пайдо,
Сер карда ишкамашро.
Пас, шоду хурсандона
Меомад сӯи хона.
Буд хонаи вай мағоқ,
Қӯрпааш — хасу хошок.
Рӯзу шаби зимистон,
Дар вақти барфу бӯрон
Дар кӯрпаи нармакак
Хоб мекард ӯ гармакак.

Дар бешаи кап-кабуд
Як гурги пир ҳам буд.

Дар сармои пурдаҳшат
Бо азобу машаққат
Гаҳ ба беша, гаҳ ба дашт.
Сайдашро ҷуста мегашт.
Бо овози ба худ хос
Шабҳо мекашид уллос.
Азбаски бемакон буд,
Сарсону саргардон буд.

Гурги бехонаву ҷо
Бар назди хирси каҷпо
Нисфишабӣ биёмад,
Гуфто бо сад хушомад:
«Гӯш бикун, эй хирсакҷон.
Хирсакҷони меҳрубон!
Як дамакак хез аз хоб,
Бикун як кори савоб:
Дар сармои қаҳратун
Ба ҳоли ман раҳме кун.
Берун ҷудо ҳам хунук,
Либосҳои ман — тунук.
Дар шабҳои зимистон
Ба хонаат маро мон!
Чун фасли баҳор ояд,
Чун яхҳо об кушояд,
Албатта, ман ҳам он дам
Аз санг хона месозам.
Туро ба хонаи нав
Хабар мекунам дарров.
Албатта, эй хирсакҷон,
Дар шаби бӯрьёкӯбон
Туро бо беқарорӣ
Мекашам интизорӣ.



Бо шакару ангубин,
Бо чормағзи ширин,
Бо ҳама нозу неъмат
Мекунамат зиёфат...»
Хирси маллаи кақпо
Шуд ғарраи ин гапҳо.
Пас, ба гурги баднажод
Аз хонаи худ ҷо дод.
Гург аз ӯ шодон гардид,
Дар пӯсташ намеғунҷид.

Фасли сармо-зимистон
Гузашта рафт аз миён.
Барфи бешазор об шуд,
Яххои ҷӯбор об шуд.
Дар кӯҳҳои хушҳаво
Аз паҳлуи тармаҳо
Бойчечак сар боло кард,
Муждаи баҳор овард.

Гург як пагоҳӣ хушнуд
Бархоста аз хоби худ,
Бар хирси кақпо бисьёр
Миннатдорӣ кард изҳор:
«Раҳмат ба ту, хирсакҷон,
Хирсакҷони меҳрубон!
Акнун бояд, ки равам,
Аз паи хона шавам...»
Бо чунин мақсаде зуд
Вай ба берун равон шуд.
Дар мобайни бешазор
Дида гургони бисьёр,
Рафту бар сафи онҳо
Шуд гурги пир ҳамроҳ.





Аз саҳар то бегоҳӣ
Мешуд ба ҳар сӯ роҳӣ.
Буданд тӯъмаи он
Харгӯш, ҳам баррагон.
Гар барраеро меёфт,
Бар пушти худ мепартофт.
Бар ягон ҷои пинҳон
Мебурд онро тозон.
Даррав бо кайфи баланд
Аввал думбаро меканд.
Пас бо иштиҳо мехӯрд,
Бисьёр лаззат мебурд.
Ё харгӯшеро дорад,
Хурсанд мешуд беҳад.
Дар чанголи худ басо
Бозӣ медоронд онро.
Харгӯшаки бечора
Наёфта ягон чора,
То аз ҷон рамақе дошт,
Доду фиғон мебардошт.
Валекин ӯ ҳар қадар
Қашад азоб афзунтар,
Завқи гурги бадбуньёд
Торафт мешуд зиёд.
Бечораро беҳисоб
Дода ба чангол азоб,
Рӯ ба боло хобонда,
Пӯсти онро дарронда,
Сонӣ ба даҳон мебурд,
Бо завқи тамом мехӯрд,
Хуллас, ки он гурги пир
Ишкамашро карда сер,

Хонаи сангин накард,
Аз ёди худ баровард.

Дар соли дуйӯм ҳам он
Хирсакро бишуд меҳмон.
Хирси маллаи каҷпо
Ин дафъа чунин гуфто:
«Майлаш, туро имсол ҳам
Ба хонаам мемонам.
Валекин соли дигар
Боз ҳам биёӣ агар,
Бар ту надиҳам маскан,
Пас, гила накун аз ман.
Ҳамин гапро, ҷӯраҷон,
Нағзакак дониста мон!...»

Дар соли сейӯмин ҳам
Шуд гурги пир беғам.
Вай аз паи нафси худ
Ҳамеша овора буд.
Ҷуз баррагонро бурдан,
Ҷуз харгӯшҳоро хӯрдан,





Ҳаргиз дигар ғам надошт,
Парвои олам надошт.
Худ ба худ мегуфт ҳар бор:
«Ба ман хона чӣ даркор?
Охир, ман гурги мардам,
Бехона ҳам мегардам!
Барои гурги фирӯз
Куҷо шабу куҷо рӯз!»
Инро гуфта мешуд шод,
Худро тасалло медод.

Рӯзҳои гарму тафсон
Гузашта рафт аз миён.
Боз ҳам зимистон омад —
Семоҳа меҳмон омад.
Лашкари сармо бархост,
Дар беша ғавғо бархост.
Шиддаткунон аз шимол
Ғуррид ногаҳ шамол.



Шуд онқадар ҳаво сард,
Гар туф кунӣ, ях мекард.
Дар шохаҳои дарахт
Зоғи ало шуд карахт.
Гург имсол ҳам ҳайрон монд,
Бечову бемакон монд.
Уллоскашон ҳамеша
Мегашт байни беша.
Аз сармои пурдаҳшат
Гардида ӯ бетоқат,
Ба монанди барги бед,
Дир-дир карда меларзид.
Дар як шаби зимистон
Он гург ҳар чо тозон,
Дар домани яке дашт
Хаставу шалпар бигашт.
Боди сарди барфолуд
Монеи роҳаш мешуд.
Қамтаракак дам гирифт.
Дили ӯро ғам гирифт.

Бархоста аз ҷои худ,
Пас ба беша равон шуд.
Омада байни беша,
Он гурги беандеша
Бо зорию тавалло
Гуфто ба хирси каҷпо:
«Гӯш бикун, эй хирсакҷон,
Хирсакҷони меҳрубон!
Як дамакак хез аз хоб,
Бикун як кори савоб:
Дар сармои қаҳратун
Ба ҳоли ман раҳме кун.
Берун ҷудо ҳам хунук,
Либосҳои ман — тунук.
Имсол ҳам, эй хирсакҷон,
Маро ба хонаат мон!»
Хирс аз даруни хона
Зад дӯғи бадхашмона:
«Рав, аз назарам гум шав!
Аз пеши дарам гум шав!
Эй бевафо, эй номард,
Дар дашту биёбон гард!
Дур шав, ки озодона
Нафас кашам дар хона!
Дар мавсими тобистон —
Рӯзҳои гарму тафсон,
Хонасозиро ба ёд
Наёвардӣ, эй бадзот!
Акнун, ки шуд зимистон,
Мекашӣ оҳу фиғон.
Рав, дилсиёҳи қадпаст,
Сазои ту ҳамин аст!
Як сол бехона монӣ,
Пас, қадри он бидонӣ...»

Гурги бадкеши беор
Бишнида чунин гуфтор,
Ногаҳ зи ҷояш ҷаҳид,
Пои хирсакро газид.
З-ин кори гурги бадзот
Хирсак дар ғазаб афтод.
Бар гург ҳамлае кард,
Ба чанголаш даровард.
Шикамашро маҷақ кард,
Даҳонашро пачақ кард...
Гург оқибат шуд гумном,
Ин қисса ҳам шуд тамом!



## МУНДАРИҶА

Ҷавоби падар . . . . . . . . . . . . . . . 5
Ватан . . . . . . . . . . . . . . . . . . 6
Мехонам . . . . . . . . . . . . . . . . . 6
Меҳнат — шараф (суруд) . . . . . . . . . . 7
Иди баҳор . . . . . . . . . . . . . . . . 8
Эй кабӯтар (суруд) . . . . . . . . . . . . 9
Меҳр . . . . . . . . . . . . . . . . . . 10
Гули лола . . . . . . . . . . . . . . . . 11
Абри баҳор . . . . . . . . . . . . . . . 12
Пас аз борон . . . . . . . . . . . . . . 13
Баҳори кӯҳсор . . . . . . . . . . . . . . 14
Хуш омадӣ, тобистон! . . . . . . . . . . 14
Маҳтобшаб . . . . . . . . . . . . . . . 16
Хайр, мактаб! . . . . . . . . . . . . . . 17
Саҳари тирамоҳ . . . . . . . . . . . . . 18
Духтаракам, офарин! . . . . . . . . . . . 20
Субҳи лагерь . . . . . . . . . . . . . . 22
Орзуҳои ширин (аз Наталья Забила) . . . . . 23
«Истироҳат»-и Гул . . . . . . . . . . . . 25
Бачаҳои хуб . . . . . . . . . . . . . . . 26
Қобилҷони ноқобил . . . . . . . . . . . . 29
«Дарди сар» . . . . . . . . . . . . . . . 30
Бузи мағрур . . . . . . . . . . . . . . . 32
Хирс ва гург . . . . . . . . . . . . . . . 35

---

***Барои бачагони синни миёнаи мактабӣ.***

АЛИ БАБАДЖАН

**ХОРОШИЕ РЕБЯТА**

(на таджикском языке)

Муҳаррир *М. Фарҳат*

Рассом *Д. Чечётка*
Муҳаррири расмҳо *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Л. Выдрина*
Мусаҳҳеҳ *М. Абулҳаев*

Ба матбаа 30/VII-1963 супорида шуд. Ба чопаш 9/X-1963 имзо шуд. Коғази 60×84 1/16. Ҷузъи чопӣ 2,75. (2,55). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 1,94. Адади нашр 3.500. КЛ 01593. Супориши № 1319. Нархаш 7 тин.

Душанбе, Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон.